***УДК 332***
***ББК 65.04***

**ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА**

***Шарифзода Ғайрат Муъмин,*** *унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ УПРАВЛЕНИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИМ РАЗВИТИЕМ РЕГИОНА**

***Шарифзода Ғайрат Муъмин,*** *соискатель кафедры экономики предприятий и региона ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

**THEORETICAL ASPECTS OF MANAGEMENT WITH SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REGION**

***Sharifzoda Gayrat Mumin,*** *claimant for candidate degree of the department of the economy of enterprises and regions under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *t_rizokulov@mail.ru*

***Калидвожаҳо****: иқтисодиёти минтақа, рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, нақши давлат, механизми таъсиррасонии давлатӣ, назарияҳои идоракунии рушди иқтисодиёти минтақа, асосҳои институтсионалии идоракунӣ*

*Ҷанбаҳои концептуалии идоракунии тарақиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Нуқтаи назари олимони зиёд доир ба идоракунии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар асоси онҳо бо истифода аз муносибати низомманд таърифи муаллифӣ пешниҳод шудааст. Дар таърифи муаллифӣ хусусиятҳои хоси рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо дар мамлакат ба эътибор гирифта шудааст. Консепсияҳои иқтисодии мухталиф, ки рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаро баррасӣ менамоянд, низомбандӣ ва муҳимтарини онҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Дар заминаи натиҷаҳои ба даст омада ҷиҳати такмили асосҳои институтсионалии идоракунии тарақиёти иҷтимоии-иқтисодии минтақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод гардидаанд.*

***Ключевые слова:*** *региональная экономика, социально-экономическое развитие, роль государства, механизмы государственного воздействия, теории управления экономическим развитием региона, институциональные основы управления*

*Исследованы концептуальные аспекты управления социально-экономическим развитием региона. Рассмотрены точки зрения различных ученых на трактовку и содержание управления социально-экономическим развитием региона, на основе которых с применением системного подхода разработана авторская позиция о сущности предмета исследования. Предложенная трактовка учитывает в своем содержании социально-экономическую специфику региона. Систематизированы различные экономические концепции, касающиеся социально-экономического развития региона, наиболее важные из которых подвергнуты всестороннему анализу. На основе полученных результатов разработаны и предложены соответствующие рекомендации по совершенствованию институциональных основ управления социально-экономическим развитием региона в Республике Таджикистан.*

***Key-words:*** *regional economy, socio-economic development, the role of state, mechanisms of*

*state influence, theories of management with economic development of the region, institutional grounds of management*

*The article dwells on conceptual aspects aimed at management with the socio-economic development of the region. In his article the author considers various scientists` points of view on the interpretation and content of management with socio-economic development of the region. Proceeding from this assumption by dint of application of a systematic approach the author`s position on the essence of the subject of research is developed. The interpretation proposed by the author takes into account socio-economic specifics of the region in its content. Various economic concepts related to the socio-economic development of the region have been systematized, the most important of them have been subjected to comprehensive analysis. Designing on the premise of the results obtained, the author elaborates and proposes appropriate recommendations to improve the institutional framework for management with the socio-economic development of the region in Tajikistan Republic.*

Дар даҳсолаи охири қарни XX ва ибтидои XXI дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дигар давлатҳои пасошуравӣ дар соҳаҳаи сиёсиву иқтисодӣ ва равандҳои иҷтимоӣ тағйироти куллӣ ба амал омад. Албатта дар оғози солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар як қатор масъалаҳо дар идоракунии минтақаҳо ва ташаккули сиёсати нави минтақавӣ дар шароити бозор ба вуҷуд омаданд. Ҳарчанд мушкилоти гузариш ба иқтисодиёти бозор дар таҳқиқоти олимони ватанию мутахассисони мақомоти давлатӣ ҳаллу фасл шудаанд, вале то ҳол бархе аз масъалаҳо дар ин самт ба таври бояду шояд баррасӣ нагардидаанд. Муайян намудани механизми самараноки идоракунии давлатии минтақаҳо, ки рушди босуботи ҳар як қаламравро дар оянда таъмин менамояд, аз ҷумлаи чунин масъалаҳо маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, дар мақолаи мазкур тасмим гирифтем, ки баъзе ҷанбаҳои назариявии идоракунии давлатии тараққиёти минтақаҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода бошем.

Пеш аз баёни матлаби асосӣ ба мафҳуми худи минтақа равшанӣ андохтан лозим аст. Профессорони амрикоӣ П. Ҷеймс ва Ҷ. Мартин мафҳуми «минтақа»-ро чун қитъаи томи ҳудуд, ки ба он якҷинсии нисбии бунёдӣ хос аст, вале марзҳои аниқу дақиқ надорад, шарҳ медиҳанд. [11, с.517]

Гузашта аз ин вожаи мазкур баъзан барои ифодаи ҳудудҳои беҳад калон, ки шумораи зиёди аҳолӣ доранд, истифода мегардад. Бо ақидаи олимони дигар «минтақа ҳудудест, ки он барои аз ҳамсояҳо фарқ кардан хусусиятҳои хоси кофӣ дорад». [10, с. 46]

Минтақа ин ҳудуди муайянест, ки аз дигар ҳудудҳо бо мавҷудияти аломатҳо ва як қатор хусусиятҳо фарқ мекунад [3, с.87]:

1) маҳдудияти ҳудуд бо фарогирии захираҳои истеҳсолӣ, табиӣ ва меҳнатӣ;
2) тахассус ба ягон намуди фаъолият;
3) хусусиятҳои робитаи беруна.

Ин вижагиҳо дар тавзеҳи моҳияти «минтақа» дар таҳқиқи олимони сершумор доир ба муаммои минтақавӣ гуногунии ақидаҳоро ба миён меорад. Аз ин ҷост, ки бархе аз минтақашиносон мафҳуми "минтақа" ва "ноҳияро" мушобеҳ меҳисобанд. Гурӯҳе аз олимон мепиндоранд, ки фаҳмиши минтақа кулли минтақаҳоро дар бар намегирад ва метавонад барои ифодаи навъҳои минтақаҳо истифода гардад.

Зери мафҳуми минтақа бархе аз олимон (А. Гаврилов [9], А.Г. Гранберг [10, с.274], В.И. Видяпина [7]) қаламрави ҳудудӣ, истеҳсолӣ ва этникиро мефаҳманд, ки дар шароити

муосир ба хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ сифати нав мебахшад:

- субъекти асосии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити шакливазкунии иқтисодиёт, ҳудуд ва иқтисодиёти мустақил дар доираи давлати алоҳида;
- ҷузъи мустақили сиёсӣ, ҳудудӣ ва иқтисодии давлати эътирофшуда;
- дорои вазифаҳои ба фаъолияти хоҷагидорӣ ва манфиати муайяни иҷтимоӣ-иқтисодӣ нигаронидашуда.

Бо вуҷуди шарҳу тавзеҳи «минтақа» таъкид кардан лозим аст, ки ҳамаи онҳо заминаи муштарак доранд ва дар умум тақсимоти иқтисодӣ-ҳудудии давлати алоҳидаро фаро мегиранд.

Дар асоси шарҳу тавзеҳоти мазкур минтақаро чун маҷмааи ҳудудӣ-географӣ, экологӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии хоҷагии халқи давлати мустақил муайян кардан мумкин аст, ки раванди такрористеҳсолро вобаста ба шакл ва навъи хоса аз рӯи тахассуси иқтисодӣ таъмин менамояд.

Минтақа чун маҷмааи ҳудудӣ-географӣ, экологӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии хоҷагии халқи мамлакат, ки раванди такрористеҳсолро вобаста аз тахассуснокии ҳудуд таъмин менамояд, объекти идоракунии давлат мегардад.

Қайд намудан зарур аст, ки баланд бардоштани натиҷаи идоракунии давлатии тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ дар навбати аввал ба такмили механизмҳои институтсионалӣ, инноватсионӣ ва инфрасохтории рушди минтақаҳо, ки ба таҳдидҳои дохилию берунӣ дар шароити муосир ҷавобгӯ мебошанд, эҳтиёҷ дорад. Дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 (СМР барои давраи то 2030) такмили минбаъдаи низоми идоракунии давлатии тарақиёти иҷтимоию иқтисодӣ чунин баррасӣ шудааст: “Иқтидори нокифояи идоракунии давлатӣ дар сатҳи минтақа ва маҳал баръало дида мешавад. Саҳми сатҳҳои мазкур дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо назардошти урбанизатсия, таҷдиди инфрасохтор ва афзоиши талабот аз ҷониби ҷомеа ҷиҳати хизматрасониҳои иҷтимоии баландсифат ва дастрас афзун хоҳад ёфт. Дараҷаи иқтидор, салоҳият ва равандҳои босифати маъмурӣ дар сатҳи маҳал нисбат ба сатҳи миллӣ хеле ақиб мондааст” [1].

Бо мақсади иҷрои ҳадафи таҳқиқ консепсияҳои иқтисодиро доир ба идоракунии давлатии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ва мундариҷаи иқтисодии идоракунии давлатии тараққиёти минтақаҳо баррасӣ менамоем.

Таҳқиқи сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки асосҳои назариявии идоракунии давлатӣ ва таъсири мунтазам ба тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, чи дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ва чӣ минтақаҳои алоҳидаи он дар асарҳои олимону таҳқиқгарони мактабҳои иқтисодии мухталиф ва самтҳои илмии гуногун ба дараҷаи зарурӣ мавриди омӯзиш ва тадқиқот қарор гирифтаанд.

Тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо дар доираи консепсияҳои иқтисодии муайян сурат гирифтааст, ки муҳимтарини онҳо бо асосгузорону намояндагони назарияҳо дар раванди таҳқиқ омӯхта шуда, дар ҷадвали 1, ба таври схемавӣ оварда шудааст.

***Ҷадвали 1.*** *– Ҷанбаҳои консептуалии тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳо дар доираи афкори иқтисодии мухталиф*

| | |
|---|---|
| ***Назарияҳои ибтидоӣ*** | |
| *Назария ва консепсияҳо* | *Ҷонибдорони назария* |
| **Назарияи иқтисодиёти маконӣ** | Арасту, Афлотун, Т. Мор, Ш.Фурйе, Р. Оуэн |
| **Таҳқиқи ҳудудӣ оид ба сохтори иқтисодиёт ва давлат** | М. Ломоносов, А. Радишев, К. Арсенйев, Н. Чернишевский |
| ***Назарияҳои анъанавӣ*** | |
| **Назарияҳои ҷойгиронии истеҳсолот** | Й. Тюнен, В. Лаунхард, А. Вебер, А. Леш, Х.Хотеллинг, О. Энгледер, А.Предел, У. Изард, В. Кристаллер |
| **Назарияҳои рушди минтақаҳо** | Х. Зиберт, Г. Мюрдал, Ҷ. Фридман, А. Маршал ва ғайраҳо. |
| **Назарияҳои танзими давлатӣ** | С. Деннисон, Г. Камерон, Э. Куклински, Э. Гувер |
| **Назарияҳои махсусгардонии минтақавӣ** | А. Смит, Д. Рикардо, Э. Хекшер ва дигарон. |
| ***Назарияҳои маъмурию нақшавӣ*** | |
| **Асосҳои назариявии ҷойгиронии қувваҳои истеҳсолкунанда** | И. Александров, В. Немчинов |
| **Асосҳои назариявии ноҳиябандии иқтисодиёт** | А. Пробст, Н. Некрасов, Н. Баранский, Ю. Саушкин. |
| **Асосҳои назариявии банақшагирӣ ва танзими тараққиёти минтақа** | Я. Фейгин, Р. Шнипер ва дигарон. |
| ***Назарияи барномавию мақсаднок*** | |
| **Назарияи ташаккули комплексҳои истеҳсолии ҳудудӣ** | М. Бандман |
| ***Назарияҳои муосири сатҳи ҷаҳонӣ*** | |
| **Назарияи рушди қутбҳо** | Ф. Перру, Ж. Будвил, Х. Лаусен ва дигарон. |
| **Назарияи диффузияи навовариҳо** | Н. Кондратйев, Т. Хегерстранд |
| ***Назарияи бозории иқтисоддонҳои рус*** | |
| **Асосҳои назариявии ташаккули нуқтаи рушд дар маконҳо** | А. Гранберг, П. Шедровитский ва дигарон. |
| ***Назарияи иқтисодиёти давраи гузариш*** | |
| **Асосҳои назариявии тараққиёти минтақа, ки ба истеҳсоли ашёи хом нигаронида шудааст** | Г. Беляков, В. Лукиних ва дигарон. |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Бояд иброз намуд, ки консепсияҳои дар ҷадвали 1 овардашуда ҷанбаи гуногуни тараққиёти иқтисодиёти минтақаро тасдиқ менамоянд.

Ҷанбаҳои назариявию методологии идоракунии давлатии тараққиёти иҷтимоӣ-

иқтисодӣ, дар корҳои Ҷ. Кейнс, К. Маркс, К. Менгер, Ҷ. Милл, Д. Норт ва дигарон ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

А. Смит аввалин иқтисоддоне мебошад, ки дар таҳқиқоти худ дар шароити низоми бозории иқтисодиёт мавқеи давлатро дар идоракунии тараққиёти ичтимоӣ-иқтисодӣ матраҳ намудааст. Ӯ давлатро ҳамчун институти танзимкунандаи фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ дар доираи тараққиёти низоми бозорӣ шарҳ медиҳад. А. Смит баррасӣ менамояд, ки тренди маҷмӯии ҷомеа – ҷидду ҷаҳди ҳар як фард ба андӯхти боигарӣ, бой кардани худ асос меёбад. Бо ақидаи ӯ маҳз ҳамин ҷаҳд механизми бозорро ташаккул дода, дар навбати худ қонунҳо ва принсипҳои асосии иқтисодиро амалӣ менамояд ва тараққиёти умумии иҷтимоӣ-иктисодиро таъмин мекунад. Барои шарҳи мавқеи худ дар бобати идоракунии давлатӣ А.Смит мафҳуми “дасти ноаёни бозор”-ро моҳирона истифода бурдааст, ки ин истилоҳ дар илми иқтисод хеле васеъ корбаст мегардад. Ӯ қайд менамояд, ки давлат асосҳои институтсионалии иқтисодиёти бозорро бе халалдор намудани раванди дохилии бозор таъмин мекунад. А. Смит олати муҳими идоракуниро дар ташаккули механизми андозситонӣ ва принсипҳои ибтидоӣ низ медид, ки бояд дар заминаи муносибатҳои омиронаи андоз бунёд шавад. [14, с. 47]

Афкори А. Смит дар бораи накши давлат дар иқтисодиёт дар таҳқиқоти Д. Рикардо, ки худро муқарриз ва ҷонибдори ӯ мешуморид такмил ёфтааст. Д. Рикардо [13, с.74] дар китоби «Оғози иқтисодиёти сиёсӣ ва андозбандӣ» таъкид мекунад, ки «давлат набояд на ба истеҳсолот, на ба мубодила ва на ба тақсимот дахолат намояд». Ӯ тасдиқ менамояд, ки шартҳои иқтисодиёт бояд асоси сиёсати давлат бошанд ва ҳамкории давлату аҳолӣ бо муқаррар кардани андозҳо маҳдуд мегардад. Д. Рикардо андозситонии аз ҳад зиёдро, ки аз хусусияти фискалӣ доштани андоз дарак медиҳад, маҳкум менамуд ва таъсири зиёдро тариқи андоз ба равандҳои такрористеҳсол «бадии бузург» меҳисобид.

Афкори иқтисодии Д. Рикардо дар таҳқиқоти Ҷ. Милл такмил ёфтааст. Ҷ Мил барои бо афкори сотсиалистӣ якҷоя намудани мавқеи Д.Рикардо кӯшиш ба харҷ додааст. Ӯ вазифаи тақсимоти «адолатнок»-ро ҳамчун асоси идоракунии давлат баррасӣ кардааст. [4, с.332]

Дар рушди назарияи идоракунии давлат Ҷ.М. Кейнс [12, с.178] саҳми калон гузоштааст. Дар таҳқиқоти ӯ давлат ҳамчун субъекти фаъоли иқтисодиёт баррасӣ мегардад ва бояд сиёсати иқтисодии давлат бо назардошти назарияи талабот амалӣ гардад. Хосатан ӯ дар раванди идоракунии давлатии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ хароҷоти давлатӣ ва андозҳоро олати муҳимми ташаккул ва ҳавасмандкунии талаботи самаранок мешуморад. Ҷ.М. Кейнс консепсияи комилан мутобиқи сиёсати андози давлатро дар давраи рушди сиклии иқтисодиёт ва амалигардонии назарияи “талаботи самаранок” пешниҳод намуд. Ӯ чунин меҳисобад: «Ба рағбати иштирокдорони раванди иқтисодӣ ҳангоми пасандоз даромади дар мадди назар буда таъсир мерасонад. Ин ҳавасмандӣ на танҳо аз меъёри фоиз, инчунин аз сиёсати андози ҳукумат вобаста мебошад... Агар сиёсати андоз ба сифати олати идоракунӣ оқилона истифода гардад, то ки тавассути он тақсимоти адолатноки даромад сурат гирад, ин албатта боз ба афзоиши майл ба талабот таъсири бештар мерасонад» [12, с.178].

Дар маҷмӯъ саҳми асосии Ҷ.М. Кейнс дар такмили механизми танзими давлатии тарақиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар он мебошад, ки ӯ дар доираи назарияи “талаботи самаранок” вазифаи танзимии андозро шарҳ дода, андозҳо ва хароҷоти давлатиро ҳамчун воситаи муҳимми таъсиррасон ба равандҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо ҳавасманд кардани талаботи маҷмӯӣ ва сафарбаркунии пасандози аҳолӣ (ки ба инвеститсияи хусусӣ табдил

намеёбанд) ба иқтисодиёт ва ташаккули сармояи фаъол муайян кардааст.

Маъруфтарин поягузорон ва ҷонибдорони консепсияи неолибералии амрикоӣ Г. Стейн, А. Лаффер, М. Фелдстойн ва М. Бернс маҳсуб меёбанд. Ҷонибдорони ин назария идоракунии давлатии омиронаи равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро пешниҳод менамоянд. Муҳтавои ин консепсия дар дастгирии ҳамҷонибаи пешниҳоди маҷмӯӣ тариқи ҳавасмандгардонӣ бо низоми буҷету андоз ифода меёбад.

Тибқи ақидаи намояндагони консепсияи "иқтисодиёти пешниҳодӣ" сарбории зиёди андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти инвеститсионӣ таъсири манфӣ мерасонад. Зеро дар мавриди мавҷуд будани гаронии андоз манбаи андоз маҳдуд мегардад ва ин ба коҳиш ёфтани пардохтҳои маҷмӯии андоз ба буҷетҳои сатҳи гуногун оварда мерасонад.

Инчунин, ҷонибдорони назарияи "иқтисодиёти пешниҳодӣ" бо мақсади ҳавасманд намудани шуғл ва пешниҳоди меҳнати пурмаҳсул механизми идоракунии давлатиро ба паст намудани меъёри андоз ба музди маош ҷонибдорӣ менамуданд.

Дар раванди идоракунии давлатии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ сиёсати фискалӣ ва сармоягузориро А. Лаффер ва дигар ҷонибдоронаш муҳим арзёби намудаанд. Онҳо чунин мешумориданд, ки ҳангоми аз ҳадди ниҳоӣ гузаштани меъёри андоз даромади андозбандишаванда коҳиш меёбад, ҳавасмандии соҳибкорон ба таҷдиди воситаҳои асосӣ ва тавсеаи истеҳсолот аз байн меравад ва дар натиҷа андозсупорандагон аз бахши воқеии иқтисодиёт ба бахши пинҳонӣ мегузаранд ва ё маҷбур мешаванд фаъолиятро қатъ намоянд ё роҳҳои дигари канораҷӯӣ аз андозро истифода баранд. Ин ҳолат боиси аз як ҷониб, ба паст шудани сатҳи воридоти андоз ва аз ҷониби дигар, поён рафтани сатҳ ва иқтидори сармоягузорӣ мегардад.

С.Ю. Витте аз ҷумлаи он олимони рус ба ҳисоб меравад, ки дар таҳқиқи соҳаи идоракунии давлатии саҳми назаррас дорад ва ҷанбаи назариявию методи танзими давлатии низоми иҷтимоӣ иқтисодиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Ӯ низ чун Ҷ.М. Кейнс диқати ҳосаро ба нақши назарраси усули давлатии ҳавасмандкунии талаботи маҷмӯӣ равона намудааст. Мутобиқи назари ӯ дар усули давлатии ҳавасмандкунии талабот омилҳои миллию этникӣ назар ба иқтисодию истеъмолӣ аҳамияти бештар доранд. Таҳқиқоти С.Ю. Витте заминаи муайян намудани фаҳмиши роҳҳои тараққиёти миллии рус гардида, ба такмили танзими давлатии иҷтимоию иқтисодию асос гузошт. [6, с.146]

Нақши давлатро дар идоракунии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасӣ намуда, қайд кардан зарур аст, ки объекти таъсири идоракунӣ ва танзим дар ин мавриди иқтисодиёти берунӣ, соҳаҳои гумрук, молия, андоз, пулию қарзӣ, соҳаҳои имтиёзноки ташаккулдиҳандаи шакли муносибатҳои иқтисодӣ дар мамлакат, инчунин мавқеи давлат дар фазои иқтисодиёти ҷаҳонӣ маҳсуб меёбанд [2, с. 115]. Собит шудааст, ки нақши заминавии давлат ташаккули қоида ва рафтори институтсионалии якҷоя амал кардани субъектони бозор, унсурҳои мухталифи ба вуҷуд омадаи низоми иқтисодӣ, дастгирӣ ва нигоҳ доштани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, мо ақидаеро дастгирӣ менамоем, ки дар тараққиёти равандҳои иқтисодӣ бояд самтҳои зерин самтҳои муҳимми идоракунии давлатӣ маҳсуб гарданд:

1. Бунёди шароити мусоиди институтсионалӣ барои истеҳсоли мол, хизматҳо (бо назардошти хизматҳои иҷтимоӣ) ва иҷрои кор, таъмини танзими ҳуқуқӣ, таҳия қабул ва риояи меъёр ва қоидаҳои фаъолият ва ҳамкории субъектони бозор, ҳал кардан ва батартибандозии масъалаи моликият, тараққиёти рақобат ва кулли низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ.

2. Танзими равандҳои мубодила дар иқтисодиёт бо назардошти муносибатҳои иқтисодии бурунмарзӣ, муқаррар кардан ва таъмини риояи қоидаҳои амалкарди низоми миллии пулӣ, ба ҳадди ақал расонидани таъсири манфии бозорҳои глобалӣ, ҳифзи марзи миллӣ аз таҳдиди бадхоҳон, талаботи манфии муҳити беруна, пешгирии таъсири манфии амалҳои субъектони фаромиллӣ ба иқтисодиёти миллӣ.

3. Таъмини кулли стандартҳои истеъмолот дар сатҳи миллӣ ва минтақаю маҳалҳои он, мусоидат ба баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолии мамлакат, бо назардошти тадриҷан паст кардани сатҳи камбизоатӣ, назорати сифати мол ва хизматрасониҳои ба шаҳрвандон пешниҳодшаванда дар тамоми самтҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо.

Дар шароити муосир хосатан вақте, ки давлат таъмини шароити арзандаи ҳаётро кафолат медиҳад, идоракунии давлатӣ самти муҳимми фаъолияти давлатӣ арзёбӣ мегардад.

Тараққиёти иқтисодиёт дар шароити бозор ба гирифтани фоидаи ҳадди аксари субъектони хоҷагидорӣ, баланд бардоштан ва афзун намудани самараи тиҷоратии дилхоҳ аз ҷониби ҳар як субъекти алоҳидаи хоҷагидорӣ асос меёбад. Аз ин лиҳоз, иқтисодиёти бозор баланд бардоштани сифати ҳаёт ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ, махсусан рушди инфрасохтори иҷтимоиро пурра дар бар нагирад. Бинобар ин дар чунин шароит давлат бояд тавассути баланд бардоштани аҳамияти иҷтимоии нақшаҳои стратегӣ ва самаранокии идоракунии давлатӣ ба фаъолият дар самти мазкур эътибори хоса диҳад. Олатҳо ва усулҳои асосии истифодашаванда дар ин раванд пеш аз ҳама сиёсати самараноки буҷетию андозӣ, бозтақсими даромади субъектони хоҷагидорӣ ба манфиати шаҳрвандон тавассути буҷети давлатӣ, ки ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ ва пешниҳоди манфиатҳои иҷтимоӣ, инчунин тараққиёти инфрасохтори иҷтимоӣ, нақлиёт ва муҳандисиро таъмин менамояд, ба шумор меравад.

Таъмини тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ чун самти калидии идоракунии давлатӣ интихоби самт ва усулҳои азнавсозии иқтисодиёт, бунёди инноватсиякунонӣ, таъмини тараққиёти ҳудудӣ бо воситаи амалигардонии барномаҳои давлатӣ ва нақшаҳои миллии рушд ва модернизатсияи инфрасохтор, такомули сиёсати қарзию пулӣ ва молиявро дарбар мегирад [8, с.44].

Мутобиқи мақсади таҳқиқот моро зарур аст, ки ба ҷанбаҳои назариявӣ-методии идоракунии тарақиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа такя намуда моҳияти иқтисодии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро муайян кунем.

О.П. Яковлев, Е.А. Картаева ва дигарон рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мунисипалиро ҳамчун раванди мутақобилан вобастаи идорашаванда баррасӣ менамоянд, ки барои ноил шудан ба сатҳи муайяни тараққиёти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ташкилаи мунисипалитет, пеш аз ҳама, бо назардошти талаботи худи мунисипалитет ва рағбати давлат дар ҳудуди мунисипалитети мазкур амалӣ мегардад [18, с. 11]. Дар таърифи мазкур муаллифон идорашавандагии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мунисипалитет ё худ субъекти минтақаро таъкид кардаанд, ки хеле муҳим аст.

Тавре И.В. Фирсон баён менамояд, рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ин категорияи инъикоскунандаи яклухтӣ ва тараққиёти кулли ҷанбаҳои минтақавии соҳаҳо ва марҳилаҳои такрористеҳсоли ҷамъиятӣ дар асоси ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии дар раванди фаъолияти ҳаётии инсон бавуҷудоянда мебошад. Ҷузъиёти асосии категорияи мазкур соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва демографии истеҳсолоти ҷамъиятӣ муайян шудааст [16, с. 115]. Дар таърифи пешниҳодкардаи И.В. Фирсон ба унсурҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа эътибори хоса дода шудааст.

М.А. Хвесик, Л.М. Горбач ва ҳаммуаллифони онҳо тасдиқ менамоянд, ки тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа маҷмӯи ҳамаи институтҳои иҷтимоиву иқтисодии алоқа ва вобастагии мутақобиладошта, инчунин муносибатҳоро оид ба тақсим ва истеъмоли захираҳои моддию ғайримоддӣ, истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли молу хизматҳо инъикос менамояд [17, с.40]. Дар таърифи ин олимон тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа чун маҷмӯи институтҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии мутақобилан вобаста муайян шудааст. Вале дар ин таъриф муаллифон ба нақши давлат дар идоракунии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа эътибори ҷиддӣ надодаанд.

Дар таҳқиқи олимони ватанӣ низ ба ҷанбаҳои назариявӣ ва методии идоракунии давлатии рушди минтақа эътибори хоса дода шудааст. Як гурӯҳи иқтисоддонҳои ватанӣ А.А.Бойматов, Т.Р. Ризоқулов ва С.А. Ғозибеков идоракунии раванди рушди минтақаро қисми муҳимми низоми идоракунии давлатии мамлакат баррасӣ намудаанд. Онҳо зикр менамоянд, ки бо вуҷуди дар марҳалаи фаъоли таҷдиди низоми идоракунии давлатӣ қарор доштани Тоҷикистон бояд ба бунёди низоми рушди минтақавии самаранок эътибори хоса дода шавад [5]. Аз таъкиди олимони мазкур бармеояд, ки аҳамияти идоракунии давлатии рушди минтақаҳо тадриҷан афзун мешавад, хосатан вақте, ки сухан дар ҷодаи ташаккули рушди устувори минтақаҳо меравад.

Бо назардошти муҳиммияти масъалаи мазкур дар кишварҳои мутараққӣ дар раванди идоракунии давлатӣ механизми ҷадиди арзёбию таҳқиқро истифода мебаранд. Агар ба додаҳои Комиссияи аврупоӣ оид ба омор назар намоем [15], возеҳ мегардад, ки рушди иҷтимоӣ-иқтисодиро дар мувофиқати маҷмӯии фишангҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ба раванд таъсиррасон баррасӣ намудан зарураст. Аз ин лиҳоз муайян кардани омилҳои асосии таъсиррасони зерин тавсия мешавад: рушди иқтисодӣ, инноватсиякунонӣ, рақобатпазирӣ, экологӣ ва рушди иҷтимоӣ. Ҳангоми таҳқиқи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар Аврупо таснифи мазкури омилҳо ба таври васеъ истифода мегардад.

Ба назари муаллиф идоракунии давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо яке аз унсурҳои муҳимми мусоидаткунанда ба амалишавии ҳадафҳои сиёсати иқтисодии минтақа мебошад. Зеро сиёсати иқтисодии минтақавӣ бо таъсири давлат ба ҷойгиронӣ ва тараққиёти истеҳсолот тариқи танзими давлатии сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва вазъи зиндагии аҳолии минтақаҳои мухталифи мамлакат бо мақсади пешгирии фарқи назаррас дар нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо, роҳ надодан ба ташаннуҷи иҷтимоӣ байни минтақаҳои мухталиф ва таъмини рушди устувор ва мутавозини минтақаҳо амалӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз идоракунии давлатии минтақавӣ бояд на танҳо ба муайян кардан ва ноил шудан ба мақсадҳои асосӣ, нишондиҳандаҳо ва натиҷаҳо, балки ба интихоби самтҳои рушди минбаъда ҳангоми дар тавозун будани самтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ равона гардад. Ба назари мо дар раванди идоракунии рушди минтақаҳо татбиқи низоми банақшагирии стратегӣ хеле муҳим мебошад. Зеро татбиқи низоми банақшагирии стратегӣ чун механизми дар заминаи ояндабинӣ мувофиқашудаи мақомоти давлатӣ бо назардошти захираҳои мавҷуда ва ташаккулёбанда, талаботи маҷмӯӣ, бартариҳо ва назари илмӣ ба роҳҳо ва усулҳои иҷрои вазифаҳои гузошташуда, инчунин олатҳои истифодашавандаи зарурӣ барои идоракунии давлатии рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо сурат мегирад.

Дар асоси суханҳои боло чунин таърифи муаллифиро оид ба моҳияти иқтисодии идоракунии давлатии рушди минтақа пешниҳод менамоем: Идоракунии давлатии рушди минтақа яке аз ҷузъҳои муҳимми идоракунии давлатии мамлакат маҳсуб ёфта, таъсири

мақсадноки мақомоти ваколатдорро ба соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаи муайян ифода менамояд, ки бо назардошти омилҳои таъсиррасони ин соҳаҳо: инноватсиякунонии минтақа, рақобатпазирӣ, рушди иҷтимоӣ ва экологӣ тавассути соҳаҳои гумрук, молия, андоз, пулию қарзӣ дар мамлакат, инчунин иштироки давлат дар фазои иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо мақсади дар оянда таъмин кардани рушди устувори минтақа ҳангоми дар ҳолати мутавозин будани соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ мегардад.

Бояд иброз намуд, ки дар ин таърифи муаллифӣ хусусиятҳои зерини идоракунии давлатии рушди минтақа ба мадди назар гирифта шудааст:

1. Идоракунии давлатии рушди минтақа ба қисмҳои мухталифи низоми иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ ҳам барои ноил шудан ба ҳадафҳои алоҳида ва ҳам ташаккули тағйироти устувор дар самти зарурӣ нигаронида мешавад.
2. Идоракунии давлатии рушди минтақа ҷузъи муҳимми идоракунии давлатӣ буда, таъсири мақсадноки мақомоти давлатиро ба соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ифода менамояд.
3. Омилҳои зерини таъсиррасон дар раванди идоракунии рушди минтақа нақши калидӣ доранд: рушди иқтисодӣ, инноватсиякунонии минтақа, рақобатпазирӣ, рушди иҷтимоию экологӣ.
4. Рушди минтақа объекти идоракунӣ маҳсуб меёбад, вале идоракунии тараққиёт бошад тарзи ноил шудан ба натиҷаҳо, яъне яке аз тарзҳои идоракунии низомӣ мебошад.
5. Идоракунии рушди минтақа чун форматсияи ҳудудӣ пеш аз ҳама, на идоракунии ташкилкунандаҳои сохторӣ, балки раванди тараққиёти ҳудудҳоро дарбар мегирад.
6. Идоракунии рушди минтақа тавассути истифодаи фишангҳои мавҷуда дар соҳаҳои молияю андоз ва пулию қарзӣ амалӣ мегардад.
7. Мақсади муҳимтарини идоракунии рушди минтақа таъмини рушди устувори минтақа дар давраи оянда дар ҳолати мутавозин будани соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.
8. Конунҳо ва қонунияти дорои аҳамияти миллӣ ва минтақавӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ заминаи институтсионалии идоракунии рушди минтақа ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тавр дар асоси таҳқиқи консепсияҳои иқтисодӣ ва мундариҷаи иқтисодии идоракунии давлатии тараққиёти минтақаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки идоракунии давлатии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо муҳимтарин самти идоракунии давлатӣ мебошад. Аз ин лиҳоз тавсия дода мешавад, ки дар қонунгузории ҷорӣ ва стратегияю барномаҳои давлатӣ, ки рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро таъмин менамоянд, муайян намудани муқаррароти "минтақа" ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар ин бобат истифодаи таърифи муаллифии дар мақолаи мазкур пешниҳодгардида муфид шуда метавонад.

**_Пайнавишт:_**

1. *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 № 636 тасдиқ шудааст. - Душанбе -2016 -99 с.) // [Манбаи электронӣ]. URL:* https://investcom.tj/uploads/strateg2030.pdf *[санаи муроҷиат: 10.09.2020].*
2. *Абрамов, Р. А. Формирование эффективной модели государственного управления в Российской Федерации: теоретические и прикладные аспекты / Р. А. Абрамов, Р. Т. Мухаев, М. С. Соколов // Хроники объединенного фонда электронных ресурсов. Наука и образование. - 2017. - № 6 (97). - С. 111-123.*

3. *Андреев, А.В. Основы региональной экономики: Учебное пособие / А.В. Андреев, Л.М. Борисова, Э.В. Плучевская. – М.: КНОРУС, 2007. – 336 с.*
4. *Аникин А. В. Юность науки: Жизнь и идеи мыслителей - экономистов до Маркса. – М.: Политиздат, 1985. - 752 с.*
5. *Бойматов А.А. Формирование стратегии устойчивого развития региональной экономики. Монография / А.А.Бойматов, Ризокулов Т.Р. Гозибеков С.А. и др. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 221 с.*
6. *Вебер, М. Избранное. Образ общества / М. Вебер. - М.: Издательство Юрист, 1994. - 276 с.*
7. *Видяпина В.И. Региональная экономика: Учебник / В.И. Видяпина, М.В. Степанова. _ М.: ИНФРА_М, 2008. – 686 с.*
8. *Воейков, М. И., Городецкий А. Е., Гринберг Р. С. Экономическая природа государства: новый ракурс / М. И. Воейков, А. Е. Городецкий, Р. С. Гринберг. - М.: Институт экономики РАН, 2018. – 54 с.*
9. *Гаврилов А. Региональная экономика и управление: Основные понятия и определения экономики региона [Электронный ресурс] / – URL: http://onby.ru/agavrilovekonomika/2/06/*
10. *Гранберг, А.Г. Основы региональной экономики: Учебник для вузов / А.Г. Гранберг. – М.: ГУ ВШЭ, 2000. – 495 с.*
11. *Джеймс П., Мартин Дж. Все возможные миры. История географических идей. М.: Прогресс, 1988. – 673 с.*
12. *Кейнс, Дж. М. Общая теория занятости, процента и денег - Петрозаводск: Петроком, 1999. – 307 с.*
13. *Рикардо, Д. Начала политической экономики и налогового обложения / Д. Рикардо. - М.: Госполитиздат. 1955. – 360 с.*
14. *Смит, А. Исследование о природе и причинах богатства народов / А. Смит. - М.: Ось-89, 1997. – 255 с.*
15. *Сомонаи расмии Комиссияи аврупоӣ оид ба омор. [манбаи электронӣ] // URL: http://ec.europa.eu/index_en.htm (санаи мурочиат: 20.12.2020)*
16. *Фирсон И.В. Социально-экономическое развитие региона и формирования нового типа потребления // Автореф. дис… канд. экон. наук: 08.10.01/ И.В. Фирсон. - Харьк. 2003. - 20 с.*
17. *Хвесик М.А. Стратегия социально-экономического развития регина / М.А. Хвесик, Л.М. Горбач и др. Монография. –М.: Кондор, 2004. 376 с.*
18. *Яковлев О.П., Картаева Е.А., Родина Н.В. Комплексное территориальное развитие и постановка стратегического управления в администрации муниципального образования. – М.: Российский научный центр государственного и муниципального управления, 2002. – 221 с.*

***Reference Literature:***

1. *National Development Strategy of Tajikistan Republic for the Period up to 2030. Validated by the Resolution of Majlisi Namoyandagon of Majlisi Oli of Tajikistan Republic from December 1, 2016 № 636. - Dushanbe -2016 - 99 pp.) // [Electronic source]. URL: https://investcom.tj/uploads/strateg2030.pdf (Date of appeal: 10.09.2020).*
2. *Abramov, R.A. Formation of an Effective Model of Public Administration in the Russian Federation: Theoretical and Applied Aspects / R.A. Abramov, R.T. Mukhaev, M.S. Sokolov //*

*Chronicles of the United Fund of Electronic Resources. Science and Education. - 2017. - No. 6 (97). - pp. 111 - 123.*

3. *Andreev, A.V. Fundamentals of Regional Economy: manual / A.V. Andreev, L.M. Borisova, E.V. Pluchevskaya. - M.: KNORUS, 2007. - 336 pp.*
4. *Anikin A.V. Young Scholars: Thinkers` Life and Ideas – Scholars in Economical Studies up to Marks. – M.: Politizat, 1985. – 752 pp.*
5. *Boymatov, A.A. Formation of Strategy for Sustainable Development of the Regional Economy. Monograph / A.A. Boimatov, Rizokulov T.R. Gozibekov S.A. et alia. - Dushanbe: Cognition, 2014. - 221 pp.*
6. *Weber, M. Selected Works. The Image of Society / M.Weber. - M.: Jurist, 1994. - 276 pp.*
7. *Vidyapina, V.I. Regional Economy: manual / V.I. Vidyapina, M.V. Stepanova. - M.: INFRA-M, 2008. - 686 pp.*
8. *Voeikov, M.I., Gorodetsky, A.E., Grinberg, R.S. Economic Nature of State: New Perspective / M.I. Voeikov, A.E. Gorodetsky, R.S. Grinberg. - M.: Institute of Economics under RAS, 2018. - pp. 28-44.*
9. *Gavrilov A. Regional Economy and Management: Basic Concepts and Definitions of the Regional Economy [Electronic resource] / - URL: http://onby.ru/agavrilovekonomika/2/06/*
10. *Granberg, A.G. Fundamentals of Regional Economy: manual for universities / A.G. Granberg. - M.: Central Managerial Office of the Higher School of Economics (HSE CMO), 2000. - 495 pp.*
11. *James P., Martin J. All Advantages of the World. The History of Geographical Ideas. – M.: Progress, 1988. – 673 pp.*
12. *Keynes, J.M. General Theory of Employment, Interest and Money - Petrozavodsk: Petrokom, 1999. - pp. 121 - 187.*
13. *Ricardo, D. Initials of Political Economy and Taxation / D. Ricardo. - M.: Gospolitizdat. 1955. – pp. 47 - 73.*
14. *Smith, A. Research on Nature and Causes of the Wealth of Peoples / A.Smith. - M.: Oxis-89, 1997. - pp. 14 - 47.*
15. *Official Website of the European Commission on Statistics. [Electronic source] // URL: http://ec.europa.eu/index_en.htm (Date of appeal: 20.12.2020).*
16. *Firson, I.V. Socio-Economic Development of the Region and Formation of New Type of Consumption: synopsis of candidate dissertation in economy 08.10.01: I.V. Firson. - Kharkov. 2003. - 20 pp.*
17. *Khvesik, M.A. Strategy of Socio-Economic Development of the Region / M.A. Khvesik, L.M. Gorbach et alia: monograph. - M.: Kondor, 2004. - 376 pp.*
18. *Yakovlev O.P., Kartaeva Ye.A., Rodina N.V. Comprehensive Territorial Development and Setting of Strategic Management in Administration of Municipal Education. - M., - Russian Scientific Center for State and Municipal Administration. – 2002. - P. 14.*